Лоиҳа
Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» _________соли 2022,
№_______

Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2027

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2027 (минбаъд - Барнома) дар асоси иҷрои Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №456 бо мақсади амалигардонии механизмҳои самараноки таъмини амнияти озуқаворӣ, муҳайё намудани шароити мусоид барои нигаҳдорӣ ва беҳтар намудани саломатии аҳолӣ, такмили натиҷаҳои таълимии хонандагон бо роҳи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи иҷтимоӣ ва беҳтар намудани иштироки хонандагон дар раванди таҳсилот таҳия гардидааст.

2. Ғизои мактабӣ барои фарогирии иҷтимоӣ ва неруи ҷисмонию зеҳнии хонандагон муҳим буда, ба натиҷаҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъсири мусбат мерасонад.

3. Дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ оид ба амалисозии Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2027 ташкил шуда, фаъолият дорад.

4. Амалисозии лоиҳаи рушди ғизои мактабӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд имкон медиҳад, ки барои таҳлили равандҳои ташкили ғизои мактабӣ, аз ҷумла барқарорсозии инфрасохтор ва азнавтаҷҳизонидани ошхонаҳои муассисаҳои таълимӣ, ташкили нонпазхонаҳои байнимактабӣ, сохтмони гармхонаҳои наздимактабӣ, ташкили курсҳои такмили ихтисос барои ошпазҳо ва директорони муассисаҳои таълимӣ замина гузорад.

5. Барнома бо дар назар доштани чор самти зерини афзалиятноки рушди ғизои мактабӣ шароит фароҳам меорад:

- такмили низоми идораи ташкили ғизои мактабӣ;
- таҷдиди заминаи моддӣ – техникии иншооту ошхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- таъмини сифат ва мутавозинии ғизои мактабӣ мувофиқи эҳтиёҷоту талаботи синну солӣ ва физиологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар истеъмоли хӯроквории;
- ташаккули фарҳанги истеъмоли ғизои солим дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

## 2. ВАЗЪИ ҶОРИИ ҒИЗО ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

6. Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба таҳкими саломатии кӯдакону наврасон, таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди низоми маориф, ҳифзи иҷтимоии оилаҳои камбизоат силсилаи барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳо, аз ҷумла Консепсияи беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, №102 ва Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №456 тасдиқ шудаанд, амалӣ шуда истодаанд.

7. Қабул гардидани ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва кори ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои зерин мусоидат намуд:

- зиёдшавии фарогирии хонандагони синфҳои ибтидоии ҷумҳурӣ бо ғизои мактабии ройгони аз 21 % - и соли 2014 то 45,5% дар соли 2021;
- зиёдшавии шумораи муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки витаминҳо ва микроэлементҳоро дар омода намудани хӯрокворӣ истифода мебаранд;
- зиёдшавии шумораи ошпазҳои мактабии дорои таҳсилоти касбӣ.

8. Дар айни замон дар ҷумҳурӣ 3911 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамояд, ки аз онҳо 53,4% ошхона барои ташкили ғизои мактабӣ доранд.

9. Заминаи моддию техникии ошхонаҳои мактабӣ беҳтар карда шуд. Дар қариб сеяки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмири асосӣ ва азнавсозӣ роҳандозӣ карда шуданд. Ду нақшаи таҷрибавӣ оид ба рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, ки ба шарофати он ошхонаҳои 58 муассисаи таҳсилоти умумӣ таъмир ва бо таҷҳизоти муосири технологӣ муҷаҳҳазонида шуданд.

10. Ҳоло зиёда аз 22% муассисаи таҳсилоти умумӣ дорои боғҳо ва заминҳои наздимактабӣ мебошанд, ки барои беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар онҳо маҳсулоти хӯрокворӣ парвариш карда мешаванд.

11. Дар давоми солҳои 2017 – 2020 заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, дар ин давра Тартиби хариди маҳсулоти ғизоӣ ва хизматрасониҳо ҷиҳати ташкили ғизои мактабӣ барои эҳтиёҷи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2019, №502 тасдиқ гардида, барои идоракунии соҳаи ғизои мактабӣ муҳим мебошад.

12. Масъалаҳои ташкили ғизои мактабӣ ба раванди такмили ихтисоси кормандон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, мутахассисони соҳаи маориф ворид карда шуданд.

13. Маҷмуи таълимӣ оид ба таҷҳизот, ҳуҷраҳои истеҳсолии ошхонаҳо, ташкили ҷойи кории ошпазҳо, меъёрҳои санитарӣ, беҳдошти шахсӣ, шароитҳо

ва нигоҳдории маҳсулоти ғизоӣ ва дигар масъалаҳо, ки бо ташкили ғизои мактабӣ алоқаманданд, таҳия ва тасдиқ шуданд.

14. Намудҳои ғизо барои мактаббачагон бо дар назар доштани дастрасии маҳсулотҳои ватанӣ ва анъанаҳои миллӣ, ки ба кам кардани норасоии микроэлементҳои зарурӣ нигаронида шудаанд, таҳия гардиданд.

15. Мунтазам чорабиниҳо баргузор мегарданд, ки дар доираи онҳо хонандагон ва падару модари онҳо оид ба истеъмоли ғизои дуруст ва тарзи ҳаёти солим маълумот мегиранд.

## 3. МУШКИЛОТ ДАР САМТИ ТАШКИЛИ ҒИЗОИ МАКТАБӢ

16. Рушди минбаъдаи низоми ғизои мактабӣ ҳалли мушкилоти зеринро талаб менамояд:

- номувофиқ будани заминаи моддию техникии ошхонаҳо ва воҳидҳои хӯроки умумӣ ба талаботи муосир. Биноҳои тақрибан 28,1%-и ошхонаҳои муассисаи таҳсилоти умумӣ ниёз ба таъмири асосӣ доранд, инчунин барқарорсозии блокҳои истеҳсолӣ ва иншооти муҳандисӣ. Синну соли миёнаи таҷҳизоти дар ҳуҷраҳои хӯроквории ошхонаҳои мактабӣ мавҷуда аз 35 то 40 солро ташкил медиҳад. Сатҳи миёнаи фарсудашавии ҷисмонии чунин таҷҳизотҳо тақрибан 85% -ро ташкил медиҳад;
- сатҳи пасти самаранокии механизми ташкили хӯроки гарм дар муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки воҳидҳои кории ошпаз ва дигар кормандони ошхона надоранд;
- ғизонокии паст, аз ҷумла истеъмоли ками маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, моҳӣ, сабзавот, меваҳо, нокифоягии микроэлементҳо ва витаминҳо дар ғизо;
- сатҳи пасти таъмин бо ошпазҳои соҳибихтисос ва ҳайати кормандоне, ки масъули ташкили ғизои мактабӣ мебошанд;
- душвориҳо дар таъмини назорати сифат ва риояи қоидаҳои санитарӣ ва талаботи истеҳсолӣ оид ба ташкили хӯроки умумӣ дар ошхонаҳои муассисаҳои таълимӣ;
- набудани нуқтаҳои тиббӣ ва воҳидҳои кории кормандони тиб дар муассисаи таҳсилоти умумӣ.

17. Сифати ғизои мактабӣ аз дастрасии устувор ба оби тоза, қувваи барқ ва гармӣ, инфрасохтори нақлиётӣ вобаста мебошад. Ҳоло танҳо қариб сеяки муассисаи таҳсилоти умумӣ дорои таъминоти устувор ба оби ошомиданӣ мебошанд. Масъалаҳои таъмини устувор дар давоми ҳамаи чорякҳои таҳсил бо қувваи барқ ва гармӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот, ҷой доранд. Ҳамзамон маҳз дар деҳот мушкилоти дастрасии хизматҳои нақлиётӣ барои вориди саривақтии ашё ба ошхонаҳои мактабӣ бояд ҳалли худро ёбанд. Аз ин лиҳоз, ҳалли масъалаҳои рушди ғизои мактабӣ бисёрҷанба буда, ба фаъолияти дастаҷамъии мақомоти гуногун бояд такя намояд.

18. Зарурати ташкили сохтмони муассисаи таҳсилоти умумӣ иловагӣ ва васеъ намудани иқтидори муассисаи таҳсилоти умумӣ мавҷуда бо дар назар доштани таъмини рушди инфрасохтори онҳо ва бо таваҷҷуҳ ба ғизои мактабӣ

торафт афзун мегардад. Агар дар соли таҳсили 2020 -2021 дар муассисаи таҳсилоти умумӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,1 млн нафар, аз ҷумла дар синфҳои ибтидоӣ 950,3 ҳазор кӯдак таҳсил мекарданд, дар соли хониш 2027 -2028, шумораи талабагон, дар маҷмуъ, то ба 2,5 млн нафар мерасад, хонандагони синфҳои ибтидоӣ – беш аз 1 млн нафарро ташкил мекунанд. Аз ин лиҳоз, шиддати масъалаҳои таъмини маблағгузории низоми ғизои мактабӣ торафт ҳассостар мегардад.

19. Зарурати рушди умумии минбаъдаи низоми ғизои мактабӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири нигоҳдорӣ ва омода кардани ғизо, беҳтар намудани заминаи моддию техникии ошхонаҳо ва воҳидҳои хӯроки умумӣ ва бозомӯзии кадрҳо барои кор дар воҳидҳои хӯроквории ҷой дорад.

## 4.ҲАДАФ, ВАЗИФА ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАҚСАДНОКИ БАРНОМА

20. Ҳадафҳои Барномаро таҷдиди ҳамаҷонибаи низоми ғизои мактабӣ ва инкишофи он бо самтгирӣ ба устуворгардонии саломатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба воситаи таъмини дастрасӣ, сифат ва бехатарии хӯрок бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои калидии ташкили ғизои босифат ва мутавозин, аз ҷумла ҷанбаҳои технологӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, кадрӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ ташкил медиҳад.

21. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- муайян намудани сарчашмаи маблағгузории устувори низоми ғизои мактабӣ;
- барқарорсозии инфрасохтори ошхонаҳои мактабӣ, аз ҷумла таъмин бо оби тоза, қувваи барқ ва манбаъҳои гармидиҳӣ;
- ҷорӣ намудани таҷҳизоти технологии муосир барои омодасозӣ ва расонидани ғизо;
- оғози омода ва бозомӯзӣ намудани кадрҳо, ки бевосита бо ташкили ғизои мактабӣ алоқаманд мебошанд;
- рушди механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷалби деҳқонони маҳаллӣ ҷиҳати таъмини озуқаворӣ ҳамчун иштирокчиёни комилҳуқуқи низоми ташкили ғизои мактабӣ.

22. Арзёбии амалишавии Барнома бо истифода аз нишондиҳандаҳои мақсадноки зерин гузаронида мешавад:

- дараҷаи фарогирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо ғизои гарм;
- ҳиссаи ошхонаҳои мактабӣ, ки бо таҷҳизоти муосири технологӣ муҷаҳҳаз шуданд;
- ҳиссаи муассисаҳои таълимии умумӣ, ки ашё бо витамин ва микронутриентҳо ғанӣ кардашударо истифода мебаранд;

- ҳиссаи муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки шаклҳои нави ташкили ғизоро ҷорӣ намуданд;

- ҳиссаи кормандони ошхонаҳо, ки дорои ихтисоси зарурӣ мебошанд;

- ҳиссаи роҳбарони муассисаҳои таълимии умумӣ ва кормандон, ки аз курсҳои такмили ихтисос доир ба фарҳанги ғизои солим гузаштанд;

- ҳиссаи иштироки деҳқонон ва соҳибкорони маҳаллӣ дар низоми ташкили ғизои мактабӣ.

23. Амалигардонии Барнома ба ноил шудани чунин Ҳадафҳои Рушди Устувори Созмони Милали Муттаҳид, ба монанди аз байн бурдани гуруснагӣ, таъмини амнияти озуқворӣ ва беҳтар намудани ғизогирӣ ва мусоидат ба рушди устувори кишоварзӣ, таъмини тарзи ҳаёти солим ва мусоидат ба некуаҳволии ҳамагон дар ҳама син, таъмини таҳсилоти боадолатонаи босифат барои ҳамагон ва тарвиҷи имконияти таҳсил барои ҳамагон дар тамоми давраи зиндагӣ, таъмини мавҷудият ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва беҳдоштӣ барои ҳамагон, ташкили инфрасохтори пойдор, мусоидат ба саноатикунонии устувор ва фарогир ва навовариҳо мусоидат менамояд.

24. Амалишавии Барнома имконият медиҳад:

- гузариши тадриҷан аз лоиҳаи рушди ғизои мактабии Барномаи озуқавории ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид, ки аз ҷониби шарикони рушд маблағгузорӣ мешавад, ба барномаи миллии ғизои мактабӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад;

- баланд намудани самаранокии низоми ташкили ғизои мактабӣ, таъмини дастрасӣ ва фарогирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо хӯроки гарм;

- тақвияти технологии соҳа, рушди инфрасохтори истеҳсолию логистикии муосир;

- беҳтар намудани ғизои хонандагон ва афзоиши сатҳи зиндагии оилаҳо, бахусус оилаҳои камбизоат;

- паст кардани сатҳи беморшавии хонандагон, бахусус бемориҳои музмин, пурқувват намудани саломатии аҳолӣ, аз ҷумла аз ҳисоби ташаккулёбии фарҳанги ғизои солим;

- таъсис додани бозори кафолатдори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла маҳсулоти истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, баланд бардоштани истеҳсолот ва сатҳи даромад дар кишоварзӣ;

- ташаккули робитаҳои хоҷагидории устувору дарозмуҳлат байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва муассисаҳои омода намудани ғизои мактабӣ;

- рушди босуръати соҳаҳои алоқаманд бо коркард, интиқол, нигаҳдорӣ ва фурӯши хӯрокворӣ;

- афзоиши сатҳи муҳофизатӣ аз таҳдидҳои дохилию хориҷии амнияти озуқаворӣ.

## 5. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМА

### §1. Такмили низоми идораи ташкили ғизои мактабӣ

25. Фаъолиятҳо дар самти такмили низоми идораи ташкили ғизои мактабӣ ба баланд бардоштани самаранокии низоми ташкили ғизои мактабӣ, аз ҷумла заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва маблағгузории он, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ, дастрасии хӯрокҳои гарм барои доираи васеъи хонандагон ва рушди неруи кадрии низоми ғизои мактабӣ нигаронида шудааст.

26. Дар рафти амалисозии самти мазкур дастгирии методии чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани ташкили ғизои мактабӣ идома дода шуда, истифодаи мақсадноки маблағҳои барои амалигардонии фаъолияти Барнома ҷудошуда таъмин карда мешаванд.

27. Ташаккули модели муосири идоракунии ғизои мактабӣ дар давоми марҳилаҳои иҷрои Барнома бо фарогирии чунин чорабиниҳо таъмин мегардад:

-таҳлили доимии вазъи кунунии бахши ғизои мактабӣ;

-баҳисобгирии захираҳои мавҷудбуда ва ҷалби захираҳои иловагӣ;

-банақшагирии солона, муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди низоми ғизои мактабӣ, тартиб додани ҷадвали амалисозии чораҳо оид ба такмили низоми ғизои мактабӣ ва маблағгузории онҳо;

- муайян намудани ваколатҳо, ҳуқуқҳо ва вазифаҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, Шӯрои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ оид ба амалисозии Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои таълимии умумӣ ҳамчун иштирокчиёни раванди ташкили ғизои мактабӣ;

-мубодилаи таҷриба бо минтақаҳое, ки лоиҳаҳои озмоиширо оид ба беҳтар намудани ташкили ғизои мактабӣ бомуваффақият амалӣ кардаанд;

-мониторинги ташкили ғизои мактабӣ, аз ҷумла мониторинги саломатии хонандагон, махсусан талабагони синфҳои ибтидоӣ;

-таҳлили қаноатмандии хонандагон ва волидони онҳо аз сифати ғизои мактабӣ ва дар ин асос гузоштани вазифаҳои нав.

## §2. Таҷдиди заминаи моддӣ – техникии ошхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

28. Таъмини таҷдиди заминаи моддӣ – техникии ошхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба фароҳам овардани шароит барои таъмин намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо хӯрокҳои хушсифати гарм бо роҳи муҷаҳҳаз намудани ошхонаҳои муассисаи таҳсилоти умумӣ бо таҷҳизоти муосири технологӣ ба роҳ монда мешаванд.

29. Амалисозии фаъолиятҳо дар ин самт барои ноил шудан ба нишондиҳандаи мақсаднок: ҳиссаи ошхонаҳои мактабӣ, ки бо таҷҳизоти муосири технологӣ муҷаҳҳаз шуданд, равона карда мешавад.

30. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба муассисаи таҳсилоти умумӣ барои ташкили истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ заминҳои иловагӣ ҷудо менамоянд, ки барои ғизои мактаббачагон истифода бурда мешаванд.

## §3. Таъмини сифат ва мутавозинии ғизои мактабӣ мувофиқи эҳтиёҷоту талаботҳои синну солӣ ва физиологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар истеъмоли хӯрокворӣ

31. Тақвияти фаъолиятҳо дар самти таъмини сифат ва мутавозинии ғизои мактабӣ мувофиқи эҳтиёҷоту талаботи синнусолӣ ва физиологии талабагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар истеъмоли хӯрокворӣ барои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои солимии хонандагон тавассути танзими ғизои мактабӣ, васеъ намудани намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, истифодаи маҳсулоти хӯрокворӣи бо витаминҳо ва микроэлементҳои ғанигардондашуда дар ғизои кӯдакон равонакардашуда, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо маҳсулотҳои ба талаботи стандартӣ, регламентҳои технологӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ мебошад.

32. Барои амалисозии ин самт дар баробари манбаъҳои маблағгузорӣ, инчунин таъмини чорабиниҳои зерин зарур аст:

-асосноксозӣ ва интихоби усули ташкили ғизо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо дар назар доштани хусусиятҳои маҳаллӣ (ошхонаҳои заминавӣ, ки маҳсулоти ғизо барои истеъмол истеҳсол мекунанд барои таъмини хонандагони муассисаи таҳсилоти умумии хурд ё муассисаи таҳсилоти умумие, ки шароити пухтупази хӯрокро надоранд; ошхонаҳои қабл аз пухтупаз, ки дар онҳо омода кардани ғизои мактабӣ аз маҳсулоти нимтайёр анҷом дода мешавад, дар назди як муассисаи таҳсилоти умумӣ пухтани маҳсулоти нонӣ ва пешниҳод намудани онҳо ба муассисаи таҳсилоти умумии наздик);

-таъмини таҳияи парҳезҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, таомномаҳои намунавӣ бо дар назар дошти фаслҳои сол, дастрасии маводи ғизоӣ (сабзавотҳо, меваҳо) ва миқдори зарурии маводи серғизо ва калориянокии хӯроки ҳаррӯза.

33. Амалисозии фаъолият дар ин самт ба ноил шудан ба нишондиҳандаи мақсадноки зерин равона карда шудаст: сатҳи фарогирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо хӯрокҳои гарм, ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки намудҳои мутавозини ғизоро дар хӯроки кӯдакон бо витаминҳо ва микроэлементҳо ғанигардонидашударо истифода мебаранд.

## §4. Ташаккули фарҳанги истеъмоли ғизои солим дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

34. Фарҳанги тарзи ҳаёти солим ва истеъмоли дурусти ғизо дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавассути кор дар самтҳои зерин ташаккул меёбад:

-корҳои тарбиявӣ бо ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим, ки ба гирифтани дониш дар бораи ғизои дуруст ва тарзи ҳаёти солим нигаронида шудаанд;

-мунтазам гузаронидани курсҳои такмили ихтисос, семинарҳо барои омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва кормандони мақомоти маориф

оид ба ташкили муосири ғизои мактабӣ ва тарғиби ғизои солим дар байни хонандагон ва падару модарони онҳо;

-дохил намудан ба феҳристи фанҳои таҳсилоти умумӣ оид ба таълими асосҳои тарзи ҳаёти солим ва ғизои дуруст;

-таҳия ва паҳн намудани маводи иттилоотӣ оид ба фарҳанги тарзи ҳаёти солим ва ғизои дуруст, аз ҷумла бо ҷалби воситаҳои ахбори омма;

-дар сомонаҳои махсуси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷойгир намудани маълумот дар бораи фаъолиятҳои сатҳи минтақавӣ оид ба беҳтар кардани ташкили ғизои мактабӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тамоми ҷанбаҳои низоми ғизои мактабиро танзим мекунанд.

35. Амалисозии фаъолият дар ин самт ба ноил шудан ба нишондиҳандаи мақсадноки зиёдшавии шумораи иштирокчиёни раванди таҳсилот, ки ба ташаккули фарҳанги ғизои солим таълим гирифтанд, равона мегардад. Дар амалисозии ин иқдом ба фаъолиятҳои зарурии иттилоотӣ ва тарбиявӣ оид ба ташаккули фарҳанги ғизои солим дар байни кормандон, мактаббачагон ва падару модарони онҳо такя карда мешавад.

### §5. Такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ғизои мактабӣ

36. Бо мақсади рушд додани соҳаи таъмини ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳлил ва омӯзиши низоми қонунгузории соҳаи мазкур ба миён меояд.

37. Барои рушди соҳаи таъмини ғизои мактабӣ дар ҷумҳурӣ таҳия ва қабули санадҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

-тартиби ташкили ғизои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-тартиби механизмҳои маблағгузории ғизои мактабӣ;

-таҳия ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда доир ба бехатарии ашё ва ғизо барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ба беҳтар намудани танзими масъалаҳои таъмини бехатарии ашёи хом ва ғизои хонандагони муассисаҳои таълимӣ, масалан: тартиб дар бораи меъёрҳои минтақавии ғизо; дастурамал оид ба таҳияи таомномаи ягона барои мактабҳои шаҳру ноҳияҳо; дастурҳо оид ба гигиенаи хӯрокворӣ, зарфҳо, таҷҳизот ва ғайра;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда ва пешбинишаванда ҷиҳати ворид намудани тағйирот ба стандартҳои мавҷуда оид ба беҳтар намудани заминаи моддию техникии ошхонаҳо, аз ҷумла: талабот ба ошхонаҳо: тарҳкашӣ, таҷҳизот, дастур оид ба гузаронидани арзёбии вазъи моддию техникии ошхонаҳо; барномаи таъмири асосии муассисаи таҳсилоти умумӣ ва ғайра.

## 6. ДОИРАИ АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМА

38. Барномаи мазкур, ки низоми ғизои мактабӣ тамоми ҳудуди кишварро фаро мегирад, устувории низоми таъсисшаванда пеш аз ҳама аз ҳисоби маблағгузории буҷети давлатӣ, ҳамкории зич ва иштироки фаъолонаи бахши хусусӣ, ҷомеаи маҳаллӣ ва рушди механизмҳо оид ба худтаъминкунии муассисаи таҳсилоти умумӣ бо маҳсулот, ба таври умумӣ ҳал намудани масъалаҳои моддию технологии таъмини ғизои мактабиро таъмин менамояд.

39. Дар робита ба иҷрои талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст, харитаи талабот ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ то соли 2024 дар миқёси кишвар бо инъикоси хатҳои таъминот бо об, қувваи барқу гармӣ ва нақлиёт омода мегардад, ки имкониятҳои асосноксозии талаботҳои шаҳру ноҳияҳои кишварро бо муассисаи таҳсилоти умумӣ ва ғизои мактабӣ афзун мегардонад.

40. Барнома асоснок кардани зарурати маблағгузории хӯроки мактаббачагон ва бо дар назар доштани тамоюлҳои демографӣ ва иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳида тадриҷан васеъ намудани фарогирии шаҳру ноҳияҳои кишвар бо ғизои мактабӣ пешбинӣ карда мешавад, таъмин менамояд.

41. Бо дар назар доштани хусусиятҳои минтақавӣ ва ҷойгиршавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки аз даромади аҳолӣ, дастрасӣ ба захираҳо, мавҷуд будани ашёи хом ва маҳсулот, мавҷуд будани инфрасохтор, мавҷудият ва масоҳати ошхонаҳо, мавҷуд будани таҷҳизот ва кадрҳо, хӯроки мактаббачагон бо моделҳои зерин ташкил карда мешавад:

- комбинатҳои ғизои мактабӣ. Модели мазкур мутамарказ тайёр кардани хӯроки гармро дар фабрикаҳои хӯроквории муассисаи таҳсилоти умумӣ бо расондани он ба мактабҳои алоҳидаи дорои ошхонаҳои заминавии камтаҷҳизонидашуда дар назар дорад. Ин имконият медиҳад, ки маблағҳои буҷети давлатиро барои аз нав таҷҳизонидани ошхонаҳои хӯроки умумӣ сарфа намуда, хароҷоти минбаъдаи нигоҳубини ошхонаҳо, инчунин назорати мутамарказро оид ба сифати маҳсулот таъмин менамояд;

- ошхонаҳои коркарди пурраи ашё. Ташкили ғизои гарм, аз омода намудани ашёи хом то тақсими хӯроки тайёр бевосита дар муассисаи таҳсилоти умумӣ амалӣ мегардад. Модели мазкур дар мактабҳое татбиқ карда мешавад, ки ҷой бо масоҳати кофӣ барои ҷойгир намудани тамоми таҷҳизоти муҳим, инчунин инфрасохтори асосӣ ва дастрасӣ ба ашё муҳайё аст;

- ошхонаҳои коркарди маҳсулоти нимтайёр. Тайёр кардани хӯроки гарм дар асоси коркарди маҳсулоти нимтайёр ба роҳ монда мешавад. Модели мазкур асосан дар муассисаи таҳсилоти умумӣ амалӣ мегардад, ки дорои миқдори миёнаи хӯрок ва мавҷудияти ҳадди ақали иқтидорҳои истеҳсолии зарурӣ бошад. Амалисозии ин модел бо фаъолияти заводҳои истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр зич алоқаманд буда, асосан барои муассисаи таҳсилоти умумӣ, дар шаҳрҳои калон мувофиқ аст;

- буфет – ошхонаҳои тақсимкунанда, ки дастрас намудани хӯроки тайёрро пешибнӣ менамояд. Модели мазкур асосан дар муассисаи таҳсилоти умумӣ хурд, ки барои мустақилона тайёр намудани ғизо имконият надорад, амалӣ

мегардад. Ҳангоми амалисозии модел бояд ба беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ барои расонидани хӯроки гарм диққати ҷиддӣ дода шавад.

42. Бо маҳсулоти нонпазӣ ва сабзавот таъмин намудани муассисаи таҳсилоти умумӣ аз рӯи механизмҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

- таъмини муассисаи таҳсилоти умумӣ бо маҳсулоти нонпазӣ аз ҳисоби нонпазии марказонидашуда дар заминаи нонвойхонаи мактабӣ ё нонвойхонаи ноҳиявӣ имкон медиҳад, ки раванди истеҳсолот бо риояи тамоми талаботи санитарию гигиенӣ ва ташкили таъмини устувори кӯдакон бо нон дар муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки имконияти қобилияти ташкили истеҳсоли нонро надоранд, дар сатҳи зарурӣ назорат карда шавад. Модели мазкур имконият медиҳад, ки барои киро кардани нонвойхонаҳои инфиродӣ ҷуброн намуда, хароҷоти таҷҳизотро дар муассисаи таҳсилоти умумӣ қабулкунанда коҳиш диҳад;

-хоҷагиҳои наздимактабӣ, аз ҷумла боғҳои мактабӣ, гармхонаҳо ва заминҳое, ки ба муассисаи таҳсилоти умумӣ барои ташкили истеҳсоли хӯрокворӣ ҷудо карда шудаанд, ки онҳо барои беҳтар кардани ғизои мактабӣ истифода бурда мешаванд;

-ассотсиатсияҳои фермерӣ, ки ҳамкорӣ бо онҳо иштироки деҳқонон ва соҳибкорони маҳаллиро дар низоми ғизои мактабӣ, таъмини ошхонаҳои мактабӣ бо ашёи истеҳсолкунандагони маҳаллӣ кор мекунанд, васеъ мегардад.

## 7. НАТИҶАҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМА

43. Амалигардонии Барнома ҳамасола аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозӣ мегардад.

44. Амалигардонии самараноки Барнома ба беҳтар намудани ғизои хонандагон, афзоиши сатҳи зиндагии оилаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус оилаҳои камбизоат, баланд бардоштани сифати таълим ва хониши хонандагон, паст кардани сатҳи беморшавии хонандагон, бахусус бемориҳои музмин, пурқувват намудани саломатии аҳолӣ мусоидат менамояд.

45. Дар асоси натиҷаҳои амалисозии Барнома, дар тӯли шаш сол иқтидорҳои низоми ғизои мактабӣ, дастрасӣ, сифат ва фарҳанги истеъмоли ғизо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият дода мешаванд, имкони пешниҳод кардани ғизои ройгон ба кӯдакони оилаҳои камбизоат ва қисман пардохт намудани маблағи ғизои мактабӣ барои оилаҳои даромади сатҳи пастдошта васеътар мегардад.

46. Амалигардонии Барнома бевосита бо таъмини иҷрои нақшаҳои марҳилавии Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 пайваст буда, ташаккул ва инкишофи механизмҳои қадам ба қадам паҳн намудани низоми ғизои мактабӣ дар ҳамаи ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

## 8. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ БАРНОМА

47. Мониторинг ва арзёбии Барнома аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

48. Мониторинг ва арзёбии Барнома дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон›› гузаронида мешавад.

## 9. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

49. Маблағгузории Барнома аз ҳисоби манбаъҳои молиявии зерин амалӣ карда мешавад:

- маблағҳои буҷети давлатии барои соҳа пешбинишуда;
- маблағҳои грантии созмонҳо ва фондҳои байналмилалӣ;
- манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

50. Самаранокии низоми ғизои мактабӣ тавассути таҳия ва амалисозии механизмҳои муосири маблағгузорӣ таъмин карда мешавад.

51. Барнома дар ҳамоҳангӣ бо Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

52. Меъёрҳои ғизои мактабӣ дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва шарикони рушд таъмин мегардад. Индексатсияи ҳамасола, инчунин тадриҷан зиёд намудани ҳиссаи маблағҳои буҷетӣ дар доираи имкониятҳои молиявӣ бо мақсади ташаккули низоми устувори ғизои мактабӣ мунтазам ба роҳ монда мешавад.

53. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар рафти амалисозии Барнома фарогирии хонандагони синфҳои 1-4 бо хӯроки мактабӣ таъмин карда мешаванд.

54. Дар соли аввали амалисозии Барнома дар 42 муассисаи давлатии таҳсилоти умумии таҷрибавӣ дар 24 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ (Шуғнон, Рӯшон, Норак, Ёвон, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Фархор, Данғара, Шамсиддин Шоҳин, Восеъ, Спитамен, Бобоҷон Ғафуров, Зафаробод, Ҷаббор Расулов, Ашт, Айнӣ, Мастчоҳ, Рашт, Роғун, Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Сангвор, Лахш ва Ҳисор) хӯроки мактабӣ барои 15 ҳазору 400 нафар хонандагони синфҳои 1-4 ба маблағи 5,5 млн сомонӣ (бо меъёри 2,1 сомонӣ ба як хонанда) таъмин карда мешавад.

55. Маблағгузории ғизои мактабӣ барои муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумии дорои ошхонаҳои мактабии ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ амалӣ карда мешавад

56. Ҳангоми баҳодиҳии ҳаҷми зарурии дастгирии молиявии буҷети давлатӣ инҳо ба таври илова ба назар гирифта шуданд:

- маблағгузории солона 34,0 млн сомонӣ дар доираи лоиҳаи рушди ғизои мактабӣ аз ҷониби Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид барои хӯроки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- маблағҳои ҷудокардаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар як сол ба маблағи 7,5 млн сомонӣ;

- маблағҳои падару модарон (хайрияҳо) дар як сол ба маблағи 1,4 млн сомонӣ.

57. Маблағҳои аз буҷет барои ғизои мактабӣ ҷудошуда танҳо ба муассисаҳои таълимии давлатие дода мешавад, ки ошхонаҳои мактабӣ, инчунин ошпазҳо ва дигар кормандони барои ташкили ғизои зарурӣ доранд. Барои ташкили ғизои мактабӣ дар дигар муассисаҳои таълимии давлатӣ ошхонаҳои муассисаи таҳсилоти умумиро таъмир ва чиҳозонидан зарур аст.

58. Барои таъмир ва муҷаҳҳазгардонии ошхонаҳои муассисаҳои таълимӣ маблағгузории мақсаднок на камтар аз 672 млн сомониро талаб менамояд.

59. Ҳаҷми умумии маблағгузорӣ барои расидан ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи Барнома дар ҷараёни амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои он бо дар назар доштани гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии он, инчунин аз имкониятҳои объективии буҷети давлатӣ ҳамасола дақиқ карда мешавад.